# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом пешниҳод гардидааст. Душанбе, 2026, 7 саҳифа.**

Диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) ба масъалаи илмӣ-амалии мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ бахшида шудааст. Мавзуи интихобгардида барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хос дорад, зеро кирмакпарварӣ ва истеҳсоли абрешим яке аз самтҳои анъанавии хоҷагии халқ ва саноати сабук ба ҳисоб рафта, барои таъмини ашёи хом ва рушди истеҳсолоти нассоҷӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар минтақаҳои деҳоти кишвар, робитаи мустақим дорад.

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) аз рӯйи мазмун, мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои бадастомада ба шиносномаи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом мутобиқат мекунад. Тибқи шиносномаи ихтисос, самти мазкури илм оид ба равандҳо, тарзҳо, усулҳои коркард ва истеҳсоли маводи нассоҷӣ, баҳодиҳӣ ба сохтор ва сифати онҳо, инчунин равандҳои технологии истеҳсоли маводи нассоҷиро дар бар мегирад.

Мавзуи диссертатсия бевосита ба объектҳои ихтисоси мазкур алоқаманд аст, зеро дар кори илмӣ тори абрешим ҳамчун нахи табиӣ, пилла ҳамчун ашёи хоми аввалия, равандҳои технологии истеҳсол ва коркарди он, инчунин имконияти истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия масъалаҳои коркарди аввалияи пилла, истеҳсоли абрешими хом, истеҳсоли матоъҳои абрагӣ, истифодаи таҷҳизоти истеҳсолӣ ва арзёбии сифати маҳсулоти нассоҷӣ баррасӣ шудаанд, ки онҳо ба доираи объектҳои ихтисоси мазкур пурра дохил мешаванд.

Аз рӯи соҳаҳои таҳқиқотии дар шиносномаи ихтисос пешбинишуда, кори диссертатсионӣ ба якчанд самти асосӣ мувофиқат менамояд. Аз ҷумла, дар он тарзҳои амалигардонии равандҳои асосии технологии ҳосилкунии маводи нассоҷӣ, усулҳои баҳодиҳии самаранокии равандҳои технологӣ ва истеҳсолот, беҳтаркунии равандҳои технологӣ дар асоси сифати маводи воридшаванда ва маҳсулоти содиршаванда, истифодаи технологияҳои кампартов, истифодаи самараноки захираҳои ашё ва нерӯи барқ, инчунин беҳтарнамоии равандҳои технологии тайёркунӣ ва коркарди аввалияи ашё таҳқиқ гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия аз ҷиҳати мавзуъ, объект, предмет, масъалаҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалӣ ба шиносномаи ихтисоси 6D073302 — Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом мувофиқ буда, дар доираи илмҳои техникӣ иҷро гардидааст.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи диссертатсия аз он ҷиҳат мубрам мебошад, ки рушди соҳаи коркар ва истеҳсоли абрешим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳтар намудани сифати ашёи хом, баланд бардоштани самаранокии коркарди пилла ва истифодаи оқилонаи иқтидорҳои истеҳсолӣ вобаста аст. Дар шароити имрӯза барои корхонаҳои саноати нассоҷӣ танҳо зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли пилла кофӣ набуда, балки пилла бояд бо сифати баланд истеҳсол, бо риояи реҷаҳои дурусти технологӣ коркард ва ба маҳсулоти рақобатпазири нассоҷӣ табдил дода шавад.

Дар амалияи истеҳсолӣ ҳолатҳое ҷой доранд, ки қисми муайяни ашёи хом бо сабабҳои номукаммал будани ташкили равандҳои технологӣ, фарсудашавии таҷҳизот, нокифоя будани назорати сифат ва истифодаи маҳдуди партовҳои истеҳсолӣ самаранок истифода намегардад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаҳои омодасозии пилла, интихоби реҷаҳои коркард, баланд бардоштани баромади абрешими хом ва истифодаи маҳсулоти иловагӣ барои корхонаҳои соҳавӣ аҳамияти амалӣ дорад.

Мавзуи интихобшуда ҳамчунин бо зарурати эҳёи истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ ва абрагӣ, аз ҷумла атласу адрас, алоқаманд аст. Ин маҳсулотҳо на танҳо арзиши иқтисодӣ, балки аҳамияти фарҳангӣ ва миллӣ низ доранд. Аз ин ҷиҳат, диссертатсия ба масъалаи воқеии рушди саноати нассоҷӣ ва истифодаи самараноки ашёи хоми ватанӣ равона гардидааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табииро дар алоқамандӣ бо тамоми марҳилаҳои занҷири истеҳсолӣ таҳқиқ намудааст. Дар диссертатсия муносибати комплексӣ ба масъалаи истеҳсоли пилла, коркарди аввалия, абрешимресӣ, истифодаи партовҳо ва истеҳсоли маҳсулоти минбаъдаи абрешимӣ пешниҳод гардидааст. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки самаранокии ҳар як марҳилаи истеҳсолот на танҳо ҷудогона, балки дар робита бо натиҷаи умумии технологӣ ва иқтисодӣ арзёбӣ карда шавад.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ робитаи байни базаи ғизоии кирмаки тут, шароити парвариши кирмак, сифати пилла, реҷаҳои коркарди аввалия, баромади абрешими хом, истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва самаранокии иқтисодии истеҳсолро нишон додааст. Омӯзиши ҳолати кирмакпарварӣ дар минтақаҳои интихобшуда, таҳлили имкониятҳои ашёи хоми маҳаллӣ, баррасии равандҳои коркарди аввалияи пилла ва таҳқиқи фаъолияти корхонаҳои марбут ба абрешимресӣ ба кори диссертатсионӣ хусусияти амалӣ мебахшад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо истифодаи таҳлили манбаъҳои илмӣ, маълумоти истеҳсолӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти амалӣ, таҳлили технологӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ таъмин гардидааст. Хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд ва ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқат менамоянд. Тавсияҳои таҳияшуда дорои хусусияти амалӣ буда, метавонанд дар хоҷагиҳои кирмакпарварӣ ва корхонаҳои коркарди пилла истифода шаванд.

**4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо интихоби дурусти объект ва усулҳои таҳқиқот, истифодаи маълумоти илмӣ, оморӣ ва истеҳсолӣ, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ, таҳлили равандҳои технологии истеҳсол ва коркарди пилла, инчунин муқоисаи натиҷаҳои бадастомада таъмин гардидааст.

Дар раванди иҷрои кори илмӣ муаллиф ҳолати воқеии соҳаи кирмакпарварӣ, базаи ғизоии кирмаки тут, шароити парвариш ва нигоҳдории кирмак, сифати пилла, хусусиятҳои коркарди аввалияи он, баромади абрешими хом ва имконияти истифодаи маҳсулоти иловагию партовҳои истеҳсолиро мавриди таҳлил қарор додааст. Натиҷаҳои таҷрибавӣ ва истеҳсолии бадастомада бо маълумоти назариявӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳои соҳавӣ муқоиса гардида, дар асоси онҳо хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ таҳия шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин бо истифодаи усулҳои маъмули таҳлили технологӣ, коркарди маълумоти таҷрибавӣ, ҳисобҳои техникӣ ва иқтисодӣ, инчунин санҷиши натиҷаҳо дар шароити воқеии истеҳсолӣ таъмин карда шудааст. Натиҷаҳои пешниҳодшуда аз муҳтавои бобҳои диссертатсия мантиқан баромада, ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат менамоянд.

Хулосаҳои диссертатсия хусусияти ҷамъбастӣ дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро оид ба мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ, баланд бардоштани сифати пилла, истифодаи самараноки ашёи хом, кам намудани талафоти истеҳсолӣ ва беҳтар намудани самаранокии иқтисодии соҳа инъикос менамоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, имконияти истифодаи онҳоро дар хоҷагиҳои кирмакпарварӣ, корхонаҳои коркарди пилла ва муассисаҳои саноати нассоҷӣ фароҳам меоранд.

Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои диссертатсия кофӣ буда, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили минбаъдаи равандҳои технологии соҳаи кирмакпарварӣ ва истеҳсоли абрешим истифода шаванд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати интишороти илмии муаллиф, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 161 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, дар он 41 расм ва 17 ҷадвал оварда шудаанд. Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, мавод бо пайдарҳамии мантиқӣ пешниҳод гардидааст.

Дар муқаддима зарурати иҷрои таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин саҳми шахсии муаллиф баён гардидаанд.

Дар боби якум асосҳои назариявӣ ва технологӣ вобаста ба истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф хусусиятҳои пилла ва абрешими хом, омилҳои таъсиррасон ба сифати ашёи хом, инчунин масъалаҳои марбут ба омодасозӣ ва коркарди аввалияи пилларо таҳлил намудааст. Ин боб

барои фаҳмидани заминаи илмӣ ва истеҳсолии кори диссертатсионӣ муҳим мебошад.

Дар боби дуюм равандҳои истеҳсоли пилла ва омодасозии он барои коркарди минбаъда таҳқиқ гардидаанд. Дар ин қисм масъалаҳои интихоби минтақаи истеҳсол, базаи ғизоии кирмак, марҳилаҳои парвариш, шароити нигоҳдорӣ ва ҷамъоварии пилла баён гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки сифати маҳсулоти ниҳоӣ аз риояи дурусти талаботи технологӣ дар марҳилаҳои ибтидоии истеҳсол вобаста мебошад.

Дар боби сеюм натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ, масъалаҳои коркарди аввалияи пилла, истифодаи партовҳои абрешими табиӣ ва истеҳсоли матоъҳои абрагӣ оварда шудаанд. Ин боб аз ҷиҳати истеҳсолӣ бештар аҳамиятнок мебошад, зеро дар он таҳқиқот ба шароити воқеии фаъолияти корхонаҳо наздик карда шудааст. Баррасии таҷрибаи ҶСК «Пиллаи тоҷик» имкон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз нуқтаи назари татбиқи саноатӣ арзёбӣ карда шаванд.

Дар боби чорум самаранокии иқтисодии тавсияҳо ва коркардҳои пешниҳодшуда таҳлил шудааст. Дар ин боб масъалаҳои хароҷоти истеҳсолӣ, истифодаи ашёи хом, музди меҳнат, нерӯи барқ, таҷҳизот ва маҳсулоти иловагӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳисобҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки такмили равандҳои истеҳсолӣ ва истифодаи пурраи ашёи хом метавонад ба баланд шудани самаранокии умумии истеҳсол мусоидат намояд.

Хулоса аз 5 банд иборат буда, натиҷаҳои асосии илмӣ ва амалии таҳқиқотро ҷамъбаст менамояд. Дар онҳо зарурати истифодаи муносибати комплексӣ ба занҷири истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ, таъсири базаи ғизоии кирмаки тут ва шароити парвариш ба сифати пилла, аҳамияти риояи реҷаҳои технологии коркарди аввалия, имконияти истифодаи маҳсулоти иловагӣ ва партовҳои кирмакпарварӣ, инчунин самаранокии иқтисодии қарорҳои пешниҳодшуда инъикос гардидааст. Хулосаҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз натиҷаҳои дар бобҳои диссертатсия бадастомада бармеоянд.

Тавсияҳои амалии пешниҳодшуда ба беҳтар намудани ташкили парвариши кирмак, баланд бардоштани сифати пилла, мукаммалгардонии равандҳои коркарди аввалия, истифодаи самараноки ашёи хом ва маҳсулоти иловагӣ, инчунин ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар корхонаҳои соҳавӣ равона гардидаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳамияти илмии диссертатсия дар он мебошад, ки дар он асосҳои муносибати комплексӣ ба таҳқиқи технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ дар шароити маҳаллӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд. Муаллиф нишон додааст, ки баланд бардоштани самаранокии соҳаи абрешим танҳо тавассути беҳтар намудани як марҳилаи алоҳида имконнопазир буда, зарур аст, ки тамоми занҷири истеҳсолӣ аз базаи ғизоии кирмак то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ҳамчун низоми ягона баррасӣ карда шавад.

Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд барои хоҷагиҳои кирмакпарварӣ, корхонаҳои коркарди пилла, муассисаҳои истеҳсолии саноати нассоҷӣ ва сохторҳои марбут ба рушди саноати сабук истифода шаванд. Пешниҳодҳои

муаллиф ба беҳтар намудани сифати пилла, такмили раванди коркарди аввалия, кам намудани талафот, истифодаи самараноки маҳсулоти иловагӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ равона гардидаанд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба афзоиши даромаднокии истеҳсол, кам шудани хароҷоти технологӣ, истифодаи пурраи ашёи хоми маҳаллӣ ва ташаккули занҷири арзиши иловашуда дар саноати абрешим мусоидат намоянд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ бошад, татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба рушди шуғли аҳолии деҳот, дастгирии соҳибкорӣ дар соҳаи кирмакпарварӣ, эҳёи анъанаҳои истеҳсоли абрешим ва рушди минтақаҳои кишоварзӣ мусоидат кунад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13 кори илмии муаллиф нашр гардидаанд. Аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расида, 6 мақола ва маъруза дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ интишор ёфтаанд. Инчунин, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 1 нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудааст.

Мазмун ва муҳтавои корҳои илмии нашршуда самтҳои асосии диссертатсия, аз ҷумла масъалаҳои мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешими табиӣ, баланд бардоштани сифати пилла, такмили равандҳои коркарди аввалия, истифодаи самараноки ашёи хом ва маҳсулоти иловагии кирмакпарвариро фаро мегиранд.

Теъдод ва муҳтавои интишороти илмӣ барои инъикоси натиҷаҳои асосии диссертатсия кофӣ буда, аз апробатсияи зарурии натиҷаҳои таҳқиқот, баррасии онҳо дар муҳити илмӣ ва саҳми шахсии довталаб дар иҷрои кори диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд.

Автореферат ба мазмун ва сохтори диссертатсия мувофиқ буда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллифро дуруст инъикос менамояд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон аз ҷиҳати сохтор, ҳаҷм, тартиби ҷойгиршавии қисматҳо, мазмун ва барасмиятдарории маводи илмӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Кори диссертатсионӣ дорои муқаддима, чор боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати интишороти илмии довталаб, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо буда, қисматҳои он бо пайдарҳамии мантиқӣ ва мувофиқи мақсаду вазифаҳои таҳқиқот тартиб дода шудаанд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, саҳми шахсии довталаб, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва маълумот оид ба апробатсияи онҳо нишон дода шудаанд. Дар бобҳои диссертатсия маводи

назариявӣ, таҷрибавӣ, технологӣ ва иқтисодӣ бо истифода аз ҷадвалҳо, расмҳо ва маълумоти истеҳсолӣ пешниҳод гардидааст.

Истилоҳоти илмӣ ва техникӣ асосан дуруст истифода шуда, ҷадвалҳо, расмҳо, формулаҳо ва истинодҳо бо тартиби муайян ҷойгир карда шудаанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда манбаъҳои илмӣ, техникӣ, меъёрӣ ва соҳавиро дар бар гирифта, ба самти таҳқиқот мувофиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва натиҷаҳои асосии диссертатсияро дуруст инъикос намуда, аз ҷиҳати сохтор ва барасмиятдарорӣ ба талаботи муқарраргардида мувофиқ мебошад. Дар он мубрамии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва маълумот оид ба интишороти илмии муаллиф ба таври мухтасар ва пайдарҳам баён гардидаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шкудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбат ба кори диссертатсионӣ, **баъзе эродҳо ва пешниҳодҳоро баён кардан мумкин аст:**

1. Дар диссертатсия равандҳои технологии истеҳсол ва коркарди пилла ба таври муфассал баррасӣ шудаанд, аммо дар зербоби 3.5, махсусан дар саҳифаҳои 106–114, ки ба таҳқиқи технологии истеҳсоли матоъҳои абрагӣ дар мисоли ҶСК «Пиллаи тоҷик» бахшида шудааст, тавсифи техникии таҷҳизоти бофандагӣ, иқтидори кории онҳо, дараҷаи истифодабарӣ ва таъсири ин омилҳо ба сифати матоъҳои атласу адрас васеътар пешниҳод нагардидааст.

2. Дар қисми марбут ба истеҳсоли матоъҳои абрагӣ масъалаҳои технологӣ нишон дода шудаанд, вале хуб мебуд, ки нишондиҳандаҳои сифатии матоъҳои истеҳсолшуда бо талаботи стандартҳои амалкунанда, намунаҳои саноатӣ ва маҳсулоти шабеҳи истеҳсолкунандагони дигар муқоиса карда мешуданд. Ин гуна муқоиса барои баҳодиҳии сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти пешниҳодшуда аҳамияти амалӣ дорад.

3. Дар боби чорум, махсусан дар саҳифаҳои 118–123, самаранокии иқтисодии тавсияҳо ва коркардҳои пешниҳодшуда ҳисоб ва асоснок гардидааст, аммо мӯҳлати бозгашти сармоягузорӣ, дараҷаи хавфҳои истеҳсолӣ, таъсири тағйирёбии нархи ашёи хом, қувваи барқ ва музди меҳнат ба натиҷаҳои иқтисодӣ, муфассалтар таҳлил карда нашудааст.

4. Дар диссертатсия масъалаи истифодаи партовҳои кирмакпарварӣ ҳамчун самти муҳим пешниҳод шудааст, аммо нақшаи мушаххаси технологии коркарди ҳар як навъи партов, аз ҷумла зоча, пиллаҳои нуқсондор, партовҳои боқимондаи истеҳсолӣ тахия карда нашудааст.

5. Дар қисмати тавсияҳо пешниҳодоти муаллиф оид ба такмили раванди парвариши кирмак, баланд бардоштани сифати пилла, истифодаи самараноки партовҳои кирмакпарварӣ ва ҷорӣ намудани технологияи истеҳсоли матоъҳои абрагӣ дар шакли тавсияномаи технологӣ ё дастури кӯтоҳи истеҳсолӣ мушаххастар ифода карда нашудаанд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иқтисодии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, онҳо метавонанд

дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф барои амиқтар намудани таҳлили технологӣ ва иқтисодии масъала истифода шаванд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Рамазонзода Наргис Рамазон (Файзова Наргис Рамазоновна) дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологияи истеҳсол ва коркарди абрешим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расид, ба талаботи 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073302 - Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои техникӣ,
дотсенти кафедраи технология ва таҷҳизоти
саноати нассоҷии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Изатов Миралӣ Валиевич

«18» июни соли 2026

Суроға: 735043, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор, деҳаи Мортеппа
Тел.: (+992) 937039303
E-mail: izatov.69@yandex.ru

Имзои Изатов Миралӣ Валиевичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Суроғаи муассиса:
734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
х. акад. Раҷабовҳо 10а.
Тел.: (+992-37) 221-35-11, Web: www.ttu.tj E-mail: info@ttu.tj

«18» июни соли 2026